# ХУЛОСАИ

# ШӮРОИ ДИСССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-010 МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО” БАРОИ ДАРЁФТИ УНВОНИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ТИБ

**Парвандаи аттестатсионии №____**

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 28.12.соли 2020

дар хусуси ба **Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич,** шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани унвони илмии номзади илмҳои тиб.

Диссертатсия дар мавзӯи: “Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва оптимизатсияи чорабиниҳои профилактикӣ ва мубориза бо онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология, ки барои ҳимоя 24 сентябри соли 2020 (протоколи № 2) шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА – 010, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 05.11. с. 2019, № 223 (бо фармони № 235/шд аз 10.11.с.2020 аз нав тасдиқ шуда) дар МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷкистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139) пешниҳод шудааст.

Таҳқиқот дар базаи кафедраи эпидемиология МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” иҷро карда шудаст.

Унвонҷӯй Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич, соли таваллудаш 1986, дар соли 2009 факултети умуми тиббии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷкистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” –ро аз рӯйи ихтисоси “Кори табобатӣ” хатм кардааст.

Аз сентябр 2013 ба аспирантураи ғоибонаи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дохил шудааст. Аз соли 2016 унвонҷӯйи кафедраи эпидемиологияи МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷкистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” мебошад. Айни

замон ба ҳайси табиб-травматолог дар Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии клиникии осебшиносӣ ва раддодӣ” (МД МҶКОР)

**Роҳбари илмӣ:** **Усманова Гулнора Муқимовна,** доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи эпидемиологияи МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино”.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Рузиев Муродалӣ Меҳмондустович – доктори илмҳои тиб, директори МД «Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» ВТ ва ҲИА ҶТ.
2. Мирзоев Азам Сафолович – номзади илмҳои тиб, мудири кафедраи эпидемиология, гигиена ва ҳифзи муҳити атрофи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ».

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) дар хулосаи мусбати худ, бо имзои муовини раиси Шӯрои олимони факултети тиббии ДМТ, номзади илмҳои тиб Турсунов Рустам Абдусаматович, эксперт, дотсенти кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятии факултети тиббии ДМТ, номзади илмҳои тиб Қурбонов Қосимҷон Муродович қайд карда шудааст, ки таҳқиқоти илмии диссертатсияи Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич «Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва оптимизатсияи чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бо онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб тадқиқоти илмӣ-квалификатсионии анҷомёфта аст, ки дар он дар асоси тадқиқоти аз тарафи диссертант анҷомдодашуда проблемаи такмили чорабиниҳои профилактиии СДБ дар статсионарҳои травматологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда шудааст.

Аз ҷиҳати навгонӣ ва ҳаҷми таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ба талаботи фасли 10, банди 163-и «Низомнома дар бораи тартиби додани унвони илмӣ» КОА назди Президенти ҶТ аз 26-уми ноябри

соли 2016, таҳти №505 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология талаб карда мешавад, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори сарфароз шудан ба ин унвони илмӣ мебошад.

Муаллифи 38 таълифоти илмӣ дорад, ки аз онҳо 26 номгӯйи он ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида шуда, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба чоп расидаанд, 2 пешниҳоди ихтироъкорӣ ва 1 дастурамали методӣ мавҷуданд, ки нуктаҳои асосии рисола ва хулосаҳои онро инъикос пурра мекунанд, аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳаҷми умумиашон ба 2,2 саҳифаи чопӣ баробар аст ва 75%-и саҳми муаллифро ташкил медиҳанд.

**Таҳқиқотҳои нисбатан арзишманди бахшида ба мавзӯи рисола нашршуда:**

1. Давлатов, Х.С. Оптимизация медико-организационных подходов по вопросам профилактики внутрибольничных инфекций в Республике Таджикистан / Х.К. Рафиев, Х.М. Джураев, А.А. Абдуазизов // Журнал «Вестник Авиценны». – Душанбе. - 2013. - № 5. – С. 47-50.
2. Давлатов, Х.С. Рекомендации по стратегии и тактике использования антибактериальных средств при инфекционных осложнениях в травматологических стационарах / Р.Х. Аббасов, А.А. Абдуазизов // Журнал «Вестник Авиценны». – Душанбе. – 2013. - № 5. – С. 44-47.
3. Давлатов, Х.С. Микробный пейзаж травматологического и хирургического отделений в условиях многопрофильного стационара г. Душанбе / Г.М. Усманова, А.А. Абдуазизов // Журнал «Вестник педагогического университета». – Душанбе. - 2014. - № 2 (57). – С. 260-264.
4. Профилактика и лечение гнойных осложнений травм конечностей / Х.С. Давлатов [и др.] // Журнал «Вестник педагогического университета». – Душанбе. - 2014. - № 2 (57). - С. 123-127.

5. Давлатов, Х.С. Внутрибольничные инфекции: необходимость совершенствования системы эпидемиологического надзора / Х.К. Рафиев // Журнал «Вестник педагогического университета». – Душанбе. – 2014. - № 5(60). – С.194-199.

**Барои фишурдаи (автореферати) диссертатсия 3 тақриз ворид шудааст:**

1. Директори МД «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зиддии бемории ВНМО», доктори илмҳои тиб Нуров Рустам Маҷидович.
2. Профессори кафедраи травматология, ортопедия ва тибби саҳроӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷкистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино”, доктори илмҳои тиб Қурбонов Сайбилол Хушвахтович.
3. Муовини директор оид ба корҳои муолиҷавии МД «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон» -и ВТ ва ҲИА ҶТ Магзумова Фируза Пулатовна.

Дар тақризҳо мубрамияти мавзӯъ, навгонӣ ва ахамияти илмии пажӯҳиш, оптимизатсияи системаи маҷмӯи чорабиниҳои профилактикӣ ва зиддиэпидемикӣ, беҳтар гардонидани сифати расонидани ёрии тиббӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва кам кардани зиёни иқтисодии сироятҳои дихилибеморхонагӣ қайд карда шудааст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки онҳо дорои классификатсияи зарурӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология мебошанд, мақолаҳои нашршуда доранд ва ба проблемаҳои таҳқиқот машғул ҳастанд. Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эрод дида намешавад.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодани довталаби унвони илмӣ:

- ғояи нави илмӣ дар бораи нақши сиркулятсияи (гардиши) штаммҳои шартӣ-патогении беморхонагӣ ва таъсири онҳо ба пайдошавии сироятҳои фасодӣ-илтиҳобӣ дар беморони мубтало ба бемориҳои травматологӣ дар статсионарҳои травматологии Ҷумҳурии Тоҷикистон **таҳия карда шуд;**

- муносибатҳои нав оид ба такмили системаи баргузории чорабиниҳои профилактикӣ ва зиддиэпидемикии сироятҳои дохили беморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ **пешниҳод карда шудаанд**;

- перспективнокии истифодаи ғояҳои нав дар илм ва амалия, ҳамчунин мавҷудияти қонунмандии пайдошавӣ, иртибот ва паҳншавии сироятҳои дохили беморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ **исбот карда шудааст**;

- дар фаъолияти амалии кормандони тиббии статсионарҳои травматологӣ, стансияҳои санитарӣ-эпидемиологӣ ва дезинфексионӣ дастурҳо ва тавсияҳои **методӣ ворид карда шудаанд**, ки вазъи устувори эпидемиологии беморшавиҳои сироятҳои дохили беморхонагиро таъмин мекунанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои ба даст овардашудаи диссертатсия бо он асоснок карда мешаванд, ки:**

**исбот карда шудааст,** ки баёни нуқтаҳои консептуалии диссертатсия ва шарҳу тафсири дурусти натиҷаҳои пажӯҳиш ва хулосаҳо, истифодаи муносибатҳои муосири методологӣ бо тасаввуроти эпидемиологии имрӯзӣ пурра мувофиқат мекунанд; омилҳои хатари пайдо шудани бемориҳои сироятҳои дохили беморхонагӣ инҳо ба ҳисоб меравand: вазнинии бемории асосӣ, таъҷилӣ ва давомнокии гузаронидани ҷарроҳӣ, муҳлатҳои бистаришавии беморон то ҷарроҳӣ ва пас аз ҷарроҳӣ, миқдори зиёди сироятҳои дохили беморхонагӣ дар кӯдакони то 2-сола ва калонсолони то 60-сола;

**мутобиқи проблемаҳои диссертатсия ба таври натиҷабахш самаронок** аз усулҳои муосири эпидемиологӣ, микробиологӣ, иқтисодӣ ва оморӣ истифода карда шудааст;

тавсифи клиникӣ-эпидемиологии шаклҳои гуногуни бемории сироятҳои дохили беморхонагӣ дар беморони травматологӣ; омилҳо ва гурӯҳҳои хатари беморон аз хусуси пайдошавии сироятҳои дохили беморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ; исботи зиёни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва молиявӣ, ки як ҳолати сироятҳои дохили беморхонагӣ, ки дар

статсионарҳои травматологӣ аз сироятҳои дохили беморхонагӣ ба амал меоянд, то 2074,5±3,4 сомонӣ (420,0±3,4$) мерасад, **баён шудаанд;**

басомади беморшавӣ, сохтор ва хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ **ошкор карда шудаанд;**

иртиботи мутақобилаи штаммҳои гардишкунандаи беморхонагии микроорганизмҳои шартӣ-патогенӣ бо қонунмандии пайдошавии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ **омӯхта шуд;**

модернизатсияи маҷмӯи чорабиниҳои профилактикии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар муассисаҳои травматологӣ, ки ба муқобили пайдошавӣ ва паҳншавии сироятҳои дохилибеморхонагӣ нигаронида шуда буданд, **гузаронида шуданд.**

**Аҳамияти маълумотҳои аз таҳқиқот ба даст овардашудаи унвонҷӯ барои амалия бо инҳо тасдиқ мешаванд;**

Тавсияҳои дастурамали методӣ оид ба «Пешгирии сироятҳои нозокомиалӣ дар беморхонаҳои осебшиносӣ", ки аз тарафи ВТ ва ҲИА ҶТ аз 11-уми декабри соли 2019, протоколи № 2 тасдиқ шудаанд ва ва пешниҳодҳои ихтироъкорӣ оид ба тасвиб ва татбиқи бесирояткунандаҳо ва маводи зиддиуфунии нав дар беморхонаҳои соҳаи осебшиносӣ (№ 3613/R664 аз 15.02.соли 2018; № 3621/R672 аз 15.02.соли 2018) **таҳия ва татбиқ шудаанд.**

самтҳои асосии оптимизатсияи назорати эпидемиологии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ **муайян карда шудаанд;**

системаи чорабиниҳои ҷиҳати гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳои санитарӣ-зиддиэпидемикӣ, беҳтарсозии сифати расонидани ёрии тиббӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва кам кардани зиёни иқтисодии сироятҳои дохилибеморхонагӣ **бунёд ва оптимизатсия карда шудааст;**

оид ба такмили минбаъдаи профилактикаи сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар дастурамали методӣ (1 адад) ва пешниҳоди ратсионализаторӣ (2 адад) **пешниҳод карда шудааст.**

**Баҳогузорӣ ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот муайян кард:**

**назария дар заминаи** таҳлили ҳуҷҷатҳои тиббии 7510 бемори мубтало ба амалиётҳои гуногуни ҷарроҳӣ, ки дар статсионарҳои таҳқиқшаванда дар давраи зикршуда табобат гирифтаанд - ҳуҷҷатҳои расмии баҳисобгирӣ ва ҳисоботҳои статсионарҳои травматологӣ дар давраи солҳои 2010-2014 табобат гирифтаанд, **сохта шудааст**;

**ғоя дар заминаи** гузаронидани таҳлилҳои ретроспективӣ (солҳои 2010-2013.) ва оперативӣ (с.2014), таҳлилҳои эпидемиологии динамика ва сохтори беморшавии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар давраи солҳои 2010-2014, омӯзиши гардиши микроорганизмҳо дар статсионарҳои травматологӣ ба сохторҳои этиологии сироятҳои фасодӣ- септикии беморон бунёд шудааст;

муқоисаи натиҷаҳои муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ, ки қаблан оид ба масъалаҳои эпидемиология ва профилактикаи сироятҳои дохилибеморхонагӣ ба даст оварда шуда буданд, **мавриди истифода қарор гирифтанд**;

мувофиқати сифатии натиҷаҳои муаллиф бо натиҷаҳои сарчашмаҳои мустақил оид ба масъалаҳои сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар байни беморони травматологӣ **муқаррар карда шуд;**

усулҳои муосир, объективӣ ва сатҳи иттиллоотнокиашон баланд **истифода шуданд.** Таҳлил ва коркарди омории маълумотҳо бо истифода аз пакетҳои муосири барномаҳои омории «Microsoft Office», «Statistica 6.0» гузаронида шуд.

Ҳаҷми пешниҳодшудаи мавод ва сифати он барои ҳаллу фасли мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошташуда ва ба даст овардани натиҷаҳои репрезентативӣ мувофиқат мекунанд. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқи пешниҳодкардаи муаллиф, нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои амалӣ асоснок ва эътимоднок бошанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй аз** бевосита иштирок кардани диссертант дар ҳама марҳалдаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, асоснок кардани мавзӯъ, мураттабсозии вазифаҳо ва мақсади таҳқиқот, ташкили кор, ҷамъоварии маводи аввалия ва коркарди он, ҷамъбасти маълумотҳои ҳосилшуда ва хулоса иборат мебошад. Ҳаҷми асосӣ ва калидии диссертатсия аз тарафи унвонҷӯй мустақилона иҷро карда шудааст ва дорои як миқдорнатиҷаҳои нав аст, ки аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳад. Муаллиф якчанд мақолаи илмӣ таълиф ва нашр намуда, соҳиби пешниҳоди ратсионализаторӣ мебошад, оид ба сироятҳои нозокомиалӣ дар статсионарҳои травматологӣ дастурамали методӣ таҳия намудааст.

Дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ аз 28-уми декабри соли 2020 дар хусуси ба Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич додани унвони илмии номзади илмҳои тиб қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми баргузории овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 19 нафар, аз онҳо 3 доктори илм аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология буданд. Иштирокчиён аз 15 нафар, ки ба ҳайати шӯро дохил буданд, овоз доданд «тарафдор» 15, «зид» нест, бюллетенҳои тақсим карда нашуда 4, «беэътибор» нест.

**Раиси**
**шӯрои диссертатсионии,**
**доктори илмҳои тиб, дотсент** **Раҳманов Эркин Рахимович**

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионии,**
**номзади илмҳои тиб** **Ҷураева Наргис Сарабековна**